# ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии шурои муштараки диссертатсионии 6D.КОА-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба кори диссертатсионии Абдусамадзода Бахтулло Абдулманон дар мавзуи “Шароитҳои педагогии таъмин намудании муҳити тандурустӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст

1. Яке аз ҳадафҳои асосии таълим ва тарбия фароҳам овардани муҳити таълимию тарбиявие мебошад, ки ба рушди ҷисмонӣ ва маънавии кӯдакони синни хурди мактабӣ мусоидат менамояд, ташаккули тарзи ҳаёти солим, ташаккули фарҳанги солим, таъсири мусбии омилҳои берунӣ ва дохилии муҳити зист ва ҳавасмандгардонии тарзи ҳаёти солим арзёбӣ мшавад.

Бояд таъкидкард, ки давраи таҳсил дар мактаби ибтидоӣ дар ташаккул ва таҳкими тандурустии мактаббачагон мавқеи назаррасро ишғол мекунад. Бад шудани вазъи тандурустии мактаббачагон, ки дар солҳои охир мушоҳида карда мешавад, таваҷҷӯҳи бештар ва андешидани чораҳои мушаххасро барои тақвият ва таҳкими он талаб мекунад.

Натиҷаҳои таҳқиқоти сершумори тандурустии насли ҷавон боиси нигаронии ҷиддӣ буда, дар заминаи дигаргуниҳои манфии вазъияти экологӣ, мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ, ихтисосҳои тиббии маҳдуди тиббӣ, суръати афзоиши кӯдакони дорои тандурустии заиф дар муассисаҳои таълимӣ возеҳ аён аст. Онҳо барои мутобиқ шудан ба фаъолиятҳои омӯзишӣ, тамаркуз ва анҷом додани вазифаҳои таълимӣ мушкилӣ доранд.

Омили ҳалкунанда, ки ба вазъи тандурустии кӯдакон, ҳамчунин ба муҳити атроф таъсир мерасонад, муҳити мактаб мебошад. Афзоиши сарбории кории таълим дар мактаб мушкилоти тандурустии хонандагони хурдро боз ҳам шадидтар кардааст.

Вобаста ба ин, бояд ёдовар шуд, ки дар илми педагогикаи миллӣ дар самти амсиласозии тарзи ҳаёти солим, нигоҳ доштан ва мустаҳкам кардани тандурустӣ, алахусус дар мавриди амсиласозии тарзи ҳаёти солими хонандагони хурдсол, шароити равонӣ-педагогӣ ва ташкилӣ-педагогӣ, ки ба ташаккул ва рушди тандурустии хонандагон мусоидат

мекунанд, таҳқиқоту таҷрибаи кофӣ мавҷуд набуда, дар ин ҷода ибтикори довталаб мавқеи дурбиона ва навҷӯёна дошта, шоёни дастгирист.

Маҳз аз ҳамин хотир, шояд довталаби дараҷаи илмӣ Абдусамадзода Бахтулло Абдулманон бо назардошти нуктаҳои дар боло зикршуда мавзуи мавзуи “Шароитҳои педагогии таъмин намудании муҳити тандурустӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ”-ро барои таҳқиқ интихоб кардааст.

Андешаву мулоҳизоти дар боло баёншуда аз он далолат мекунанд, ки мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Абдусамадзода Бахтулло мубрам ва муҳим буда, аз арзиши назариявӣ ва амалӣ доштани таҳқиқоти диссертатсионии ӯ шаҳодат медиҳад.

Диссертатсия мутобиқ ба талаботи Низомнома дар бораи шӯрои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ба тасвиб расидаанд, иҷро шудааст.

Кори диссертатсионӣ дар кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва муносибатҳои байналмилалии Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар шаҳри Кӯлоб иҷро шуда, бо қарори шурои олимони факултети иқтисодиёти рақамӣ ва зеҳни сунъии Донишкадаи мазкур муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст (Суратҷаласа аз 26.01.2023, №06).

Дар хулосаи кафедра ва шурои олимони факултет ба диссертатсия баҳои объективию ҳаматрафа ва мусбат дода шудааст.

2. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ масоили баланд бардоштани сифати тандурустии хонандагони хурдсол тавассути тарҳрезӣ ва татбиқи технологияҳои сарфакунандаи тандурустӣ дар раванди таълими муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мавриди омӯзишу таҳқиқ ва баррасӣ қарор дода шуда, зарурият ва аҳамияти ҳавасмандгардонии хонандагон барои мустақилона истифода бурдани технологияҳои тарзи ҳаёти солим дар фаъолияти таълимӣ ва дар онҳо ташаккул додани муносибати арзишманд ба саломатӣ, аз худ намудани донишҳои назариявӣ ва малакаҳои амалӣ оид ба тарзи ҳаёти солим аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудааст.

Натиҷаҳои илмии таҳқиқотро ба сифати маводи иловагӣ ва тавсияҳои амалӣ дар фаъолияти омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, дар коркарди стандарту барномаҳо, дастурҳои таълимиву тарбиявӣ, дар раванди курсҳои такмили ихтисос, семинарҳои омӯзишии махсус ва чорабиниҳои таълимиву тарбиявӣ, мизҳои мудаввар ва семинару конференсияҳо, тайёр кардани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ истифода бурдан мумкин аст.

Натиҷаҳои таҳқиқот имконият фароҳам меоваранд, ки асосҳои илмии мундариҷаи ташаккули тарзи ҳаёти солим дар раванди таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ муайян карда шуда, барои ҳалли мушкилиҳои тандурустии хонандагони хурдсол равиши муассиртареро таҳия ва амалӣ гарданд, ҳамчунин ба муассисаҳои таълимӣ имкон медиҳанд, ки раванди тандурустиро аз нав идора кунанд ва тарзи ҳаёти солимро барои хонандагони хурдсол ташкил ва ташаккул диҳанд.

3. Мазмун ва муҳтавои диссертатсияи Абдусамадзода Бахтулло Абдулманон дар мавзуи "Шароитҳои педагогии таъмин намудании муҳити тандурустӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ" ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот, аз ҷумла ба банди 3 - Антропологияи педагогӣ (консепсияи тарбия, таълим ва иҷтимоисозии шахс тавассути таълим; низомҳои / шароитҳои / рушди шахс дар ҷараёни таълим, тарбия, омӯзиш;) ва ба банди 5 - Назария ва консепсияҳои тарбия (омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангии тарбия: шаклҳо, принсипҳои тарбияи кӯдак дар марҳилаҳои гуногун ба камол расидани ӯ, асосҳои арзиши ташаккули раванди таълим, низоъҳои педагогии тарбия;) мувофиқат мекунад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар конференсҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявию вилоятӣ ва донишгоҳӣ, дар ҷаласаҳои кафедраи фанҳои ҷомеашиносии Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионнии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар шаҳри Кӯлоб, инчунин дар конференсияҳои олимони ҷавон, дар ҷаласаҳои муштараки кафедраҳои педагогикаи Донишкадаи технология ва менеҷменти иноватсионнӣ дар шаҳри Кӯлоб ва кафедраи педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ, дар ҷараёни машғулиятҳои лексионию амалӣ доир ба шароитҳои педагогии таъмин намудании муҳити тандурустӣ ва

ташаккули тарзи ҳаёти солим дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ ироа ва тасвиб гардиданд.

Натиҷаи таҳқиқотро дар фаъолияти таълимию тарбиявии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, дар курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгорон, дар семинарҳо ва тренингҳо, дар кори омӯзгорони алоҳида, ки мехоҳанд муҳити тандурустӣ буёд карда, тарзи ҳаёти солимро дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ ташаккул диҳанд, метавон истифода бурд.

Натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқот дар 7 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ба табъ расиданд.

Теъдоди интишороти довталаб дар нашрияҳои тақризшаванда ба талаботи банди 34 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқ аст.

5. Маводи диссертатсия бо истифода аз ишораҳои мувофиқ ба муаллифони онҳо ва ба сарчашмаҳои иқтибосшуда корбаст шудаанд, ки ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат мекунанд.

6. Диссертатсия ба талаботи банди 53-и Низомнома дар бораи шӯрои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шудааст, дорои ягонагии дохилӣ, натиҷаҳо ва муқаррароти нави илмӣ барои ҳимояи ошкор мебошад, ки аз саҳми шахсии муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар илми педагогика шаҳодат медиҳад.

7. Талаботи Низомнома дар бораи шӯрои диссертатсиониро ба роҳбарӣ гирифта, комиссияи экспертии диссертатсияи Абдусамадзода Бахтулло Абдулманон тавсия медиҳад, ки:

1) Диссертатсияи Абдусамадзода Бахтулло Абдулманон дар мавзуи "Шароитҳои педагогии таъмин намудании муҳити тандурустӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ" барои ҳимоя дар шӯрои диссертатсионӣ иҷозат дода шавад;

2) **Ба сифати муассисаи пешбар** - Донишгоҳи давлатии Данғара ва **ба сифати муқарризони расмӣ:** Сабурӣ Хайрулло Мирзозода - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, ноиби ректори Донишгоҳи давлатии

Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров ва Ассадуллоев Раҳматулло Давлатович - номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи педагогика ва психологияи Коллеҷи омӯзгории ба номи Х. Махсумоваи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ таъин карда шаванд.

3) Барои муайян кардани вақти ҳимоя, нашр ва ҷойгир кардани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, нашр ва паҳнкунии автореферат иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ,
доктори илмҳои педагогӣ — Иматзода Л.М.

Аъзои комиссияи экспертӣ:

доктори илмҳои педагогӣ — Каримзода М.Б.

номзади илмҳои педагогӣ — Котибова Ш.

12.04.2023

“Имзои Иматзода Л.М., М.Б, Каримзода ва Ш.Котибоваро тасдиқ мекунам”

Нозири кадрҳои АТТ — М. Саидова

ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН, РЕСПУБЛИКА ТАДЖИКИСТАН, АКАДЕМИЯ ОБРАЗОВАНИЯ ТАДЖИКИСТАНА
ШӮЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ